**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи “Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ”, барои дарёфти унвони илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит**

Каримиён Мадинаи Баҳодур хатмкунандаи зинаи бакалавриати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буда, онро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит бо гирифтани тахассуси «иқтисодчӣ» ва дипломи “аъло” хатм кардааст. Пас аз хатми зинаи бакалавриат дар соли 2016 ба магистратураи донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро дар соли 2018 бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм кардааст. Аз соли 2020 то соли 2023 дар докторантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит таҳсил намудааст. Дар ин давра дар якчанд коференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2020 сар карда Каримиён М.Б. бо таҳқиқоти масоили такмили баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ машғул мебошад.

Дар ҷараёни таълим давра ба давра нақшаи таъилмӣ иҷро гардида, дар рафти иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Каримиён М.Б. 25 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Муаллиф мавзуи рисолаи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намуд. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳақоқот-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода шудааст.

Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дида баромада шудаанд. Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили ҳолати муосири ташкили баҳисобгириии воситаҳои асосӣ дида шудааст. Ба ғайр аз ин, мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкуниии воситаҳои асосӣ, хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ баррасӣ шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия самтҳои такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барарсӣ гардида, сиёсати истеҳлок дар корхонаҳо ва мутобиқсозии он ба СБҲМ коркард карда шдуааст, инчунин методикаи ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ таҳия карда шудааст.

Ба муаллиф муясар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои

байналмилалии ҳисоботи молиявиро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявии такмили баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Доштани малакаи таҳили иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи корхона, ташкилот, ташкилотҳои аудиторӣ аз аҳмияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамбаст карда шудааст, усулҳои система, муқоисакунӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, баҳодиҳии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва пешгӯикунӣ, таҳлил ва ғ. истифода шудааст.

Ҳамин тавр, ҷиҳатҳои дар боло қайд кардашуда асос шуда метавонанд, ки Каримиён М.Б. вазифаҳои таҳқиқотро бомуваффақият иҷро карда, ба мақсади таҳқиқот ноил гардидааст.

Кори диссертатсионӣ мантиқан банҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-ассоноккардашуда буда, тавсияҳои амалии он ба мукамалгардонии методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ равона шудаанд.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Каримиён М.Б. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ бада, ба ҳимоя барои дарёфти унвони илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Имзои Низомов С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

31.10.2023